**ТАҚРИЗ**

**ба рисолаи илмии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи “Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст:**

Рисолаи илмии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи “Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия:**

Оила ва ҳифзи муносибатҳои дар он пайдошаванда аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифтааст: масалан, дар моддаи 33 Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад; ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад» ва ё қисми дуюми моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Мардон ва занон баробарҳуқуқанд». Дар ин замина, дар ҷумҳурӣ як қатор меъёрҳои дахлдори байналмилалию дохилидавлатӣ оид ба ҳифзи муносибатҳои оилавӣ ва махсусан пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила қабул ва мавриди амал қарор гирифтаанд. Ба ин мисол шуда метавонад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ва, дар ин замина, соли 2013 бо мақсади пешгирии зӯроварӣ дар оила ва хифз намудани ҳуқуқҳои баробари аъзоёни оила Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»

қабул гардид. Ғайр аз ин, як қатор Барномаҳои миллию давлатӣ, стратегияҳои дахлдор, консепсияи рушди оила ва қарорҳои дахлдор аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ санадҳои муҳимми соҳаи мазкур ба ҳисоб мераванд.

Мубрамияти мавзуи матраҳшуда инъикоси онро мекунад, ки дар баробари инкишофи мақоми зан дар ҷомеа, ҳамзамон, ҳолатҳои мавҷудаи зӯроварӣ нисбати занон дар ҷомеаро низ ба инобат гирифтан лозим. Таҳқиқот муайян намуд, ки зӯроварӣ нисбати занон имрӯзҳо дар самтҳои муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ татбиқ мегардад. Хусусан, зӯроварӣ дар оила як ҷанбаи манфии муносибат нисбати занон буда, дар намуди расонидани зарари ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ва иқтисодӣ нисбати қурбониён содир мегардад.

Дар давраи соли 2016-2021 дар байни ҷиноятҳо дар самти зӯроварӣ дар оила нақши муҳимтаринро нишондиҳандаҳои миқдории ҷиноятҳое, ки дар моддаи 177 КҶ ҶТ (Барқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон) пешбинӣ шудаанд, мебозад. Аммо ин маънои онро надорад, ки зӯроварӣ дар оила танҳо бо расонидани зарари иқтисодӣ татбиқ мегардад. Аз расонидани зарар бо тариқи татбиқи зӯроварии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва шаҳвонӣ низ занон бештар осеб мебинанд, гарчанде ки шумораи мардони ҷабрдида низ аз зӯроварӣ дар оила ба қайд гирифта шудаанд (миқдори онҳо дар соли 2021 бо дарназардошти ноболиғон 230 ҳолатро ташкил додааст).

Дар ин раванд қайд кардан бамаврид аст, ки мушкилоти зӯроварӣ дар оила аз мадди назари сиёсати дохилидавлатӣ дур намондааст ва бо мақсади пешгирӣ намудани кирдорҳои зӯроварона дар оила, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила”-ро қабул намуд, ки тибқи боби 2-юми он ба субъектони пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила салоҳиятҳою ӯҳдадориҳои мушаххас оид ба пешгирии ин зуҳурот дар ҷомеа муқаррар гардидаанд.

Ҳамаи нуктаҳои зикршуда мубрамияти мавзуи баррасишавандаро инъикос мекунанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур аввалин таҳқиқоти диссертатсионии ватанӣ дар самти хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он мебошад. Ғайр аз ин, пештар дар сатҳи таҳқиқоти монографӣ ва диссертатсионӣ масъалаи хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он батафсил таҳлил нагардида буданд. Мафҳуми криминологии зӯроварӣ дар оила, аломатҳои таркиби он, роҳҳои содир шудани ин ҷиноятҳо дар ин кор таҳлили худро ёфта, усулҳои муайян кардани табиати ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқии криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он дида баромада шудаанд. Бо дарназардошти хусусиятҳои умумӣ ва фарқиятҳои байни намудҳои гуногуни ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он мураттаб гардиданд, самтҳои такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод карда мешаванд, масъалаи консепсияи нави илми криминологӣ мушаххас карда мешавад, меъёрҳои таҳлилӣ-муқоисавии криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он аз нав муайян карда шудаанд.

Мавзуи диссертатсия ва мундариҷаи он дуруст ва ба мақсади рисола мувофиқ мебошанд. Хулосаҳои илмию тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда қобили қабуланд. Адабиёти дар диссертатсия истифодашуда ба истиснои баъзе аз камбудиҳои ҷузъӣ дуруст мебошанд. Унвонҷӯ аз натиҷаи таҳқиқот хулосаҳои назарӣ бароварда, барои амалӣ кардани онҳо маслиҳатҳои муфид манзур гардонидааст.

Нуктаҳои зерини илмӣ, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, боиси дастгирӣ мебошанд: дар саҳифаҳои 9-10 муаллифи рисола зикр мекунад: “Сабабу шароитҳое, ки ба содир намудани ҷинояти зӯроварӣ дар оила мусоидат мекунанд, аз унсурҳои умумии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, рӯҳӣ ва маънавӣ бархӯрдор мебошанд. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва рӯҳӣ ба

шахсият таъсири манфӣ мерасонад (бекорӣ, маоши паст, таҳрифи шуури ҳуқуқӣ ва ғайра), аммо омилҳои мушаххаси тарбиявӣ (ҳолати рӯҳӣ дар оила, тарзи ҳаёт, майзадагӣ, нашъамандӣ ва ғ.) ба шахсияти ҷинояткори эҳтимолӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Бинобар ин, ҳангоми тартиб додани низоми чораҳои пешгирии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила бештар ба ҷораҳои криминологӣ диққати махсус бояд дод, ки онро чунин метавон арзёбӣ намуд:

Якум, низоми миллии пешгирии ҷиноятҳои бо зӯроварӣ вобастабуда афзалияти татбиқи ҷазоро баъди содир намудани ҷиноят ба ҳолатҳои пешгирикунандаи кирдор медиҳад. Дар ин маврид ба ҳолатҳои пешгирикунандаи кирдорҳои хусусияти зӯроваридошта диққати махсус бояд дод. Барои роҳандозии низоми мукаммал ташкили курсҳои кӯтоҳмуддат оид ба муносибатҳои оилавӣ, вохӯрӣ бо оилаҳо ва ғайра ба манфиати кор мебошад.

Дуюм, барои пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила истифодаи васоити ахбори омма (ВАО) муҳим аст, махсусан, дар ин самт ба роҳ мондани таблиғоти ҷамъиятие, ки онҳо ба мушкилоти зӯроварӣ дар оила равона шудаанд.

Сеюм, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷабрдидагони ҷиноятҳои дар оила содиргардида, то онҳо ба марказҳои дахлдор имкони муроҷиат намуданро дошта бошанд ва, дар ин замина, ба онҳо ҷойи зисти муваққатӣ пешниҳод гардад ва ҳамчунин дар ҳолатҳои зарурӣ ба ҷабрдидагони (қурбониёни) зӯроварӣ дар оила ёрии тиббӣ ва рӯҳӣ расонида шавад. Яке аз мушкилоти ҷиддӣ дар ин самт маълумоти кофӣ надоштани аҳолӣ дар бораи чунин марказҳои дахлдор мебошад, бар замми ин, чунин марказҳо имрӯзҳо асосан дар шаҳрҳо мавҷуданд.

Чорум, дар қонунгузории ҷиноятӣ меъёри ҷавобгарӣ барои надодани маълумот дар бораи ҷинояти содиргашта нисбати ноболиғ ё кӯдаки аъзои оила ва ё волидайн бигзор татбиқ гардад ва дар ҳолати мавҷуд будани асосҳои кофӣ ба ҷинояткор ҷазо таъин карда шавад. Амалҳои

зикргардида ба сатҳи латентнокии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила таъсири назаррас мерасонанд.

Панҷум, муаллифи диссертатсия кӯшиши зиёд ба харҷ додааст, ки вобаста ба пешрафти технологӣ ҷорӣ намудани огоҳсозии фаврии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хуб бояд ба роҳ монда шавад, ки ин омил ба пешгирии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила таъсири мусбат мерасонад.

Доираи баррасии масоили виктимологияро вобаста ба ҷиноятҳо, махсусан ҷиноятҳои дар оила содиргардида, ба таври зайл метавон бозгӯӣ намуд:

а) дар таҳқиқоти мазкур ба мафҳуми ҷабрдидаи ҷиноят, махсусан ҷабрдидаи ҷиноятҳои дар оила содиргардида, диққати махсус дода шуда, зери мафҳуми ҷабрдидаи ҷиноят дар оила (қурбонии он) шахси воқеие фаҳмида мешавад, ки ба ӯ дар натиҷаи зӯроварӣ дар оила зарари ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ва ё иқтисодӣ расонида шудааст ва ё нисбати ин шахс таҳдиди воқеии расонидани зарар ба вуҷуд оварда шудааст;

б) ҳолати виктимии шахсиро ба ду маъно метавон маънидод кард: ҳамчун сифати объективӣ ва сифати субъективи шахс. Бо дарназардошти чунин таснифот ҳолати виктимии шахсиро ба гурӯҳҳои зерин метавон ҷудо намуд: вобаста ба хислатҳои объективии шахсият; дар асоси вазнинии ҷиноятҳое, ки ба онҳо зарар расонида шудааст; вобаста ба зуҳуроти он дар ҷанбаҳои мухталифи ҳаёт; вобаста ба механизми ҳукмфармоии психологӣ; вобаста ба шумораи шахсони иштироккунанда; вобаста ба вақти амалӣ гардидани он; вобаста ба муносибати шахс ба фаъолияти касбӣ оид ба таъмини амният; вобаста ба сатҳи психологии виктимӣ; вобаста ба давомнокии он ва ғ.;

в) ба шахси ҷабрдида дар натиҷаи зӯроварӣ дар оила аксаран рафтори нейтралӣ хос буда, ҷинояткор дар оила ҷабрдидаи ҷиноятро маҳз аз сабаби виктимии ба он хос «интихоб» менамояд. Вобаста ба предмети таҳқиқот, баъзе намудҳои ҷабрдидагон (қурбони)-и шахсӣ, ба монанди ҷинс ва синну сол, ба ноболиғону занон бештар хос буда,

виктими потологӣ ва деформатсияи виктимогении шахс асосан мансуб ба қобилияти рӯҳии ҷабрдидае мебошад, ки алоқамандии ӯро бо ҷомеа инъикос намуда, ин омил раванди иҷтимоиёти шахсӣ мебошад;

г) вобаста ба ҳолати виктимии ҷабрдида ва омилҳои таъсиррасонии ӯ ба содир шудани ҷиноятҳо дар самти зӯроварӣ дар оила се гурӯҳи ҳолати виктимии ҷабрдидаро муайян менамоем: 1) ҳолати виктимии хашмгин дар оила, 2) ҳолати виктимии фаъол дар оила, 3) ҳолати виктимии ғайрифаъол дар оила.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот ба воситаи заминаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд. Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи мухолифат надоштани онҳо бо илми криминологияи мавҷуда ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми криминология ва ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода меёбад. Инчунин, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ ва хулосаҳои муаллиф роҷеъ ба масъалаи хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва назариявии криминология ва ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳия гардида, дараҷаи эътимоди илмии он ба кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Хулоса ва тавсияҳо дар заминаи таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кори илмӣ-таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети

таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравaнд.

Муаллиф дар тавсияҳои диссертатсия дуруст қайд мекунад, ки барои пурра фаро гирифтан ва ба натиҷаи назаррас ноил гардидан, чорабиниҳои пешгирикунанда барои беҳтар намудани вазъи оила бояд бо омилҳои зерин амалӣ карда шаванд: 1) муайян кардани оилаҳои носолим; 2) ташхиси мушкилоти дар оила пайдогардида; 3) татбиқи чораҳои пешгирикунанда барои муътадил намудани микромуҳит дар оила; 4) андешидани чораҳои таъсиррасонии маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ нисбати шахсоне, ки дар оила ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷинояти хусусияти зӯроваридоштаро содир мекунанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

Муқаррароти назариявӣ ва хулосаҳои диссертатсия барои ба таври густурда омӯхтани масоили хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши он дар мубориза алайҳи ҷинояткорӣ ва баланд бардоштани мақоми оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меоранд; муқаррароти асосии диссертатсия ва маводи дар он умумигардонидашудаи таҷрибавиро метавон дар раванди таҳқиқоти минбаъдаи илмии масъалаи мазкур, дар тартиб додани дастурамалҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ, дар хондани курсҳои махсус оид ба криминология ва ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди истифода қарор дод. Таҳлили гузаронидашуда ва тавсияҳои таҳиягардида дар таҷрибаи банақшагирӣ ва пешгирӣ кардани ҷинояткорӣ аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ манфиатнок хоҳанд буд.

Маводи диссертатсия дар раванди таълими илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ

метавонанд истифода шавад. Инчунин, арзиши назариявии натиҷаҳои таҳқиқот бо он асоснок карда мешаванд, ки хулосаҳо ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи таҳлили назарияи илмии хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он анҷом дода шудаанд, ки дар самти коркарди консептуалии мубориза алайҳи ҷинояткорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмӣ:**

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Ҳамчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар як монография ва 9 конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ аз ҷониби муаллиф дар шакли маъруза пешниҳод гардидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд, мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:**

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки ба хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда,

дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунад.

Дар баробари муваффақиятҳои худ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз норасоиҳо низ холӣ нест, ки онҳоро метавон ба таври зайл нишон дод:

1. Муаллиф дар зербоби 1.1 дар (саҳ.27) сархати 1 овардааст: муҳтавои мафҳуми "зӯроварӣ" вобаста ба усулҳои биологӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ омӯхта мешавад. Тафсири "зӯроварӣ" ҳамчун назарияҳои мавҷудаи илми ҳуқуқшиносӣ, психологӣ ва таҳқиқоти иҷтимоӣ дар диссертатсия дар алоқамандӣ бо криминология, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Зӯроварӣ ҳамчун усули иҷтимоӣ - ин рафтори шахсони алоҳида дар ҷомеа аст, ки меъёрҳои иҷтимоиро вайрон намуда, хусусияти таъсиррасонӣ ба дигаронро дорад. Мавҷудият ва тағйироти пайдогардида дар ҷомеа асосан вобастагӣ доранд, аз зуҳуроте, ки сарчашма мегиранд аз дарку қабули муносибатҳои иҷтимоӣ. Инкишофи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта мисоли равшани "зӯроварӣ" ҳамчун усули иҷтимоии вайронгардида мебошад.

Аммо аз тарафи муаллиф дар муҳтавои рисола дар бораи «зӯроварӣ» вобаста ба усулҳои биологӣ чизе гуфта нашудааст, Хуб мешуд, агар дар раванди ҳимояи ошкоро аз ҷониби муаллиф ҷиҳати муҳтавои "зӯроварӣ" вобаста ба усулҳои биологӣ фаҳмонида дода мешуд.

2. Дар зербоби 2.1. Таҳлили ҷиноятҳои бартаридоштаи зӯроварӣ дар оила, ба монанди одамкушӣ (моддаи 104 КҶ ҶТ); ба худкушӣ расонидан (моддаи 109 КҶ ҶТ); қасдан расонидани зарар ба саломатӣ (моддаҳои 110, 111, 112 КҶ ҶТ); азобу укубат (моддаи 117 КҶ ҶТ); монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ (нуҳсола (моддаи 164 КҶ

ҶТ)); баркасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон (моддаи 177 КҶ ҶТ) гузаронида шуда, пастуболоравии (динамикаи) онҳо дар алоҳидагӣ нишон дода шудааст (саҳ 83-108). Хуб мешуд, дар ин таҳқиқот, ҳамзамон, ба субъектоне, ки ҷиноятҳоро содир намудаанд ва ҷудонамоии онҳо вобаста ба синну сол ва фаъолияти меҳнатӣ, ҳамчунин, маълумоти онҳо низ диққат дода мешуд.

3. Дар рисола ба проблемаҳои зӯровории шаҳвонӣ аз тарафи муаллиф бисёртар фикру ақида оварда шудааст, махсусан мафҳуми зӯроварии шаҳвонӣдар шакли зерин оварда шудааст – ин маҷбур намудан ба алоқаи ҷинсӣ ё дигар ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонидошта тавассути истифодаи таҳдид, қувва ё маҳдуднамоии иродаи ҷабрдида аст. Зӯроварии шаҳвонӣ хусусияти латентнокии баландро соҳиб аст, махсусан, ба хотири он ки самти муносибатҳои маҳрамона ҳамчун анъана объекти муҳокимаи ҷамъияти мо қарор намегирад. Дар аксарият маврид ин намуд бо дигар намудҳои зӯроварӣ дар якҷоягӣ истифода бурда мешавад. Зӯроварии шаҳвонӣ дар оила нисбати занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила сурат гирифтанаш мумкин аст. Амалияи тафтишӣ исботи онро мекунад, ки ин намуди зӯроварӣ дар оила бештар нисбати шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила сурат мегирад. Зӯроварии шаҳвонии нисбати шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила содиргардида аз ҷиҳати оқибати баамаломада ба вазнинтарин осеби рӯҳии расонидашуда тааллуқ дорад (саҳ. 46). Аммо оид ба проблемаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ оиди зӯроварии шаҳвонӣ дар рисола чизе гуфта нашудааст, хуб мешуд атрофи ин масъала дар раванди ҳимояи ошкоро аз тарафи диссертант равшанӣ андохта мешуд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд, баръакс аз он шаҳодат медиҳанд, ки дарвоқеъ, рисолаи мазкур ба яке аз проблемаҳои басо муҳимми ҷомеа навишта шудааст.

**Қисмати хотимавӣ:**

Дар маҷмуъ, диссертатсияи мазкур таҳлили анҷомёфта ба ҳисоб рафта, норасоиҳои дар боло зикршуда арзиши илмии онро кам карда наметавонанд. Хулоса, рисолаи диссертатсионии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи “Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он” бо рӯзмаррагӣ ва навгониҳои худ афзалият пайдо намуда, ба талабот оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Тақризи мазкур ба талаботи банди 71-72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Муқарриз:
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии
Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон Абдуҳамитов В. А.

Имзои Абдуҳамитов В. А.-ро тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсусӣ
Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон Раҳимов А. А.

14.11.23

Суроға: 734025. – Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30; (+992) 37 221-35-50; p.rektora@mail.ru; https://www.rtsu.tj/